**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)**

Тақриз

Ба автореферати Саидзода Дилшод Саид "Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ, аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.

Мавзуи таҳияи сиёсати давлатии муваффақ, дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, аз ҷумлаи масъалаҳои мубраме ба шумор меравад, ки тамоми мамолики сайёра, ба хотири дастёбӣ ба он, ҳама кушишу талошро ба харҷ медиҳанд, то ки дар раддабандии кишварҳои пешрав, мақоми муносибро ишғол намоянд.

Аз ин хотир, рӯ овардани муаллиф ба чунин мавзуи муҳим, хосатан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давдатӣ ба мушкилтарин садди роҳи рушди кишвар, ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ, солҳои 1992 - 1997 рӯ ба рӯ гашта буд, аз аҳамияти хос бархӯрдор мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар ин росто, ҷараёни таҳия, ва ба таври босубот амалӣ намудани сиёсати давлатӣ, хусусиятҳои хоси худро дорад, ки онҳо дар пасманзари ин раванд, натиҷаҳои мавриди назарро бояд дар ҷомеа инъикос намоянд. Вобаста ба ин, робитаи ногусустании таъсири сиёсати давлатӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар фаъолияти шаҳрвандон ва амали босамари ниҳод ва сохторҳои марбута нақши хосро доро мебошанд.

Хусусиятҳо ва аҳаммияти муҳимми сиёсати давлатиро дар низоми инкишофи давлат, ҷомеа, ва инсони муосир ба эътибор гирифта, дар давлатҳои сатҳи гуногуни рушд ба раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва муайян намудани тамоюлоти инкишофи самтҳои асосии он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Муаллиф тавонистааст дар рисола ба мавзуи масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи раванди таҳияи сиёсати давлатӣ рӯ биёрад, оиди моҳият, хусусиятҳо ва инкишофи ин таълимот маводҳои ҷолиберо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор бидиҳад, ки ҳамзамон дар маҷмуъ, зербинои ин самтро усулҳо ва парадигмаҳои таҳияи чунин сиёсат дар чаҳорчӯби афзалиятҳо ва норасогиҳои он, ташкил медиҳад.

Хосатан, зикри чунин асосот, ба мисли усулҳои ҳукумати конститутсионӣ, ҳокимияти халқӣ, ҳисоботдиҳанда будани ҳокимият, самаранокии идоракунӣ, усулан шакли боз доштани ҷараёни идоракунӣ, ҷавоби сазовор ба муҳити беруна ё эҳсосоти зарурӣ, мутобиқат бо меъёрҳои протсессуалӣ, тақсимоти шохаҳои ҳокимият, имкон медиҳад, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ, бо истифода аз методологияи муқоисавӣ, дар мавриди дастовардҳои сиёсати амалигардида ва камбудиҳои он сухан гуфт.

Назари бевоситаи муаллифро ба мавзуи ташаккул ва инкишофи низоми таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир, метавон аз □умлаи дастовард□о ном гирифт. Зеро дар рисола вобаста ба шароити хоси Тоҷикистони имрӯз ишора сурат гирифтаст, ки баъзе ҳолат боиси он мегардад, ки ҷиҳати бартараф намудани онҳо, аз роҳ ва усулҳои мухталиф истифода сурат мегирад.

Ба ҳамин хотир, ҷараёни гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, ислоҳоти бунёдии сатҳи давлатиро тақозо менамояд, ки барои кишварҳое ба мисли Тоҷикистон, ки то ин муддат ба чунин усули иқтисодиёт ошно набуданд, мебоист тавассути сиёсати давлатӣ дар тамоми самтҳои зиндагии ҷомеа бо ворид намудани таҳаввулоти нав, бо муайян намудани равандҳои инкишоф ва татбиқи он, сурат мегирифт.

Оиди ин мавзуъ, дар рисола тазаккури раванди ташаккул ва рушди бомайлони хизмати давлатӣ дорои аҳамияти хос аст, ки дар он маҳз хизматчиёни давлатӣ, зарбинои ҷараёни амалӣ гаштани сиёсати давлатиро ташкил медиҳанд ва ин бунёд, дар асоси барномаҳои қабулгардидаи давлатӣ, махсусан бар пояи санади муҳими сиёсӣ, «Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030», идомаи мантиқӣ дошта, дурнамои дурахшони Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян месозад.

Дар рисола, муаллиф аз асарҳои панҷ гурӯҳи муҳаққиқин истифода намудааст, ки ҳар кадоми онҳо дидгоҳ ва назари тоазеро дар илми сиёсат ва давлатдорӣ ташкил медиҳанд.

Дар ин миён истифодаи заминаҳои тафаккури ин самт дар осори мутафаккирине ба мисли Арасту, Афлотун, Макиавелли, К. Маркс, М. Вебер, В. Вилсон, Ф. Гудноу, Д. Г. Алмонд, Д. Истон, Т. Парсонс, К. Ясперс, Ф.У. Тейлор, А. Файол, Л. Уайт, Г.В. Атаманчук, М.Г. Анохин, И.А. Василенко, Н.И. Глазунов, В.Д. Граждан, Г.В. Голосов, З.М. Зотов, А.А. Калинен, Д. Г., Красильников, В. Колесников ва хосатан олимони ватанӣ Г.Н.Зокиров, С.Ятимов, М.Хидирзода, С.Фаттоев ва дигарон аз пояи васеи назари таҳқиқотии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Муаллиф, тавонистааст вазифаҳоеро ба монанди таҳқиқи сиёсати давлатӣ ҳамчун раванди муҳим, аҳаммият ва зарурати омӯзиши парадигмаҳои гуногун дар бораи сиёсати давлатӣ, хусусиятҳои универсалӣ ва соҳавии сиёсати давлатӣ, мушаххас гардонидани усулҳо, меъёрҳо ва методҳои таҳия ва

истифодаи амалии сиёсати давлатӣ, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои ин сиёсат дар шароити имрӯзаи кишвар, дар рисола мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

Дар ин замина, дастовардҳои таҳқиқоти илмии муаллифро метавон чунин арзёбӣ кард:

- аҳаммияти умумӣ ва ҷойгоҳи махсуси сиёсати давлатӣ дар назария ва амалияи сиёсӣ,

- усулҳо ва меъёрҳои таҳияи ин сиёсат, ки дар баробари он афзалиятҳо ва норасогиҳо ва меъёрҳои усулӣ.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки бунёдгузори сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравconfigured, ки дар гузоштани асос, рушду такомули фарогири ин самт нақш ва мақоми беназир доранд.

Дар автореферат баъзе камудиҳо ба назар мерасанд, ба монанди истифодаи калимаи “проблема” дар саҳифаҳои 26-27 ва ибораи “Хайрияти умумро...” дар саҳифаи 16, ки онҳо, назари коршиносонаи дақиқро тақозо менамоянд ва ба арзёбии умумии рисола таъсир надоранд.

Дар робита ба ин, чунин мешуморем, ки автореферати Саидзода Д. С. таҳти унвони “Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир”, ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои марбутаи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллиф, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ, аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, сазовор аст.

Доктори илмҳои таърих,
профессори филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Сафолзода М.Қ

Имзои профессор Сафолзода М.Қ.
–ро тасдиқ менамоям,
сардори ШСК ва КМ С.М. Пирназар
14.06.2025